# ХУЛОСАИ ШУРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-003 НАЗДИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН АЗ РӮЙИ ДИССЕРТАТСИЯ БАРОИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМИИ НОМЗАДИ ИЛМ

**Парвандаи аттестатсионии № _________**
**Қарори Шурои диссертатсионӣ аз 08.06.2024, № 74**

Барои сазовор донистани Абдулмуминзода Насимҷон Абдулмумин, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит.

Диссертатсияи Абдулмуминзода Насимҷон Абдулмумин дар мавзуи «Рушди баҳисобгирии идоракунӣ ва ташаккулёбии арзиши аслии маҳсулот дар соҳаи кишоварзӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит, санаи 09 марти соли 2024, суратмаҷлиси №61 ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-003 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Буни Ҳисорак), ки дар асоси фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 03.12.2021 таҳти №349 таъсис дода шудааст, барои ҳимоя қабул карда шуд.

Довталаби дараҷаи илмӣ Абдулмуминзода Насимҷон Абдулмумин, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, 30 – юми ноябри соли 1977 таваллуд шудааст. Соли 1994 ба Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистон (ҳоло Донишгоҳи миллии Тоҷикистон) ба ихтисоси баҳисобгирии бухгалтерӣ, назорат ва таҳлили фаъолияти хоҷагидорӣ дохил шуда, соли 1999 онро бо дипломи аълочӣ хатм намудааст. Пас аз хатми донишгоҳ аз соли 1999 то соли 2023 фаъолияти меҳнатии худро дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмат (ҳоло Донишгоҳи байналмилалии соҳибкорӣ ва сайёҳии Тоҷикистон) дар вазифаҳои ассистенти кафедра, муаллими калон, муовини декан оид ба таълим, декани факултет, сардори шуъбаи назорати сифати таҳсилот, муовини аввал, муовини ректор оид ба таълим кору фаъолият намудааст.

Диссертатсия дар кафедраи баҳисобгирии бухгалтерии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ: Хушвахтзода Қобилҷон Хушвахт** – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

**- Шарифов Зариф Раҳмонович** – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудити Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур;

**- Бобоев Шарафҷон Ниёзмадович** – доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050801 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит, и.в. дотсенти кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудити Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, ба диссертатсия тақризи мусбат доданд.

**- Муассисаи пешбар** – Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, дар тақризи мусбати худ, ки аз тарафи номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Қӯзибоева Б.М. навишта шуда, дар ҷаласаи васеъи кафедраи “Аудит ва ревизия” - и Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон аз 10-уми майи соли 2024, суратҷаласаи №10 баррасӣ гардида, аз тарафи Ректори Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Ҳошимзода Ҳ.Ҳ. тасдиқ шудааст.

Муасисаи пешбар дар тақризи худ қайд кардааст, ки таҳқиқоти диссертатсионии Абдулмуминзода Насимҷон Абдулмумин дар мавзуи “Рушди баҳисобгирии идоракунӣ ва ташаккулёбии арзиши аслии маҳсулот дар соҳаи кишоварзӣ”, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит пешниҳод шудааст, кори илмии мукаммал ва бaанҷомрасида буда, дар он натиҷаҳои нави назариявӣ ва амалии аз ҷиҳати илмӣ асоснок ба даст оварда шудаанд.

Диссертатсияи Абдулмуминзода Насимҷон Абдулмумин ҳамчун кори бaанҷомрасида маҳсуб ёфта, таркиб ва сохтори он бо тавсияву асосноккунӣ дар сатҳи баланди илмӣ - назариявӣ навишта шудааст. Баъзе аз муқаррароти натиҷаҳои таҳқиқотро дар фаъолияти Вазорати молия, Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин корхонаҳои кишоварзии ҷумҳурӣ истифода бурдан мумкин аст.

Гуфтаҳои овардашуда аз он шаҳодат медиҳанд, ки диссертатсияи Абдулмуминзода Насимҷон Абдулмумин дар мавзуи “Рушди баҳисобгирии идоракунӣ ва ташаккулёбии арзиши аслии маҳсулот дар соҳаи кишоварзӣ” бо талаботи бандҳои 31, 33, 34, 35 ва 37 “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ” (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 мутобиқ ва ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.08 - Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит мебошад.

Автореферат ва мақолаҳои илмии батабърасидаи унвонҷӯ таркиби асосии диссертатсияро дарбар мегирад ва натиҷаҳои таҳқиқотро ҳамчун дастоварди нави илмӣ ҳисобидан мумкин аст.

Аз ҷониби довталаб 10 мақолаҳои илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти ҶТ ва 7 дар нашриҳои дигар ба чоп расидаанд.

**Муҳимтарин интишороти муаллиф доир ба мавзуи диссертатсия:**

1. Абдулмуминзода Н.А. Ташкили баҳисобгирии идоракунӣ ва ҳисобкунии арзиши аслии дороиҳои биологӣ дар соҳаи кишоварзӣ. Монография / А.Н.Абдулмуминзода. – Душанбе: Ирфон, 2021. – 160 с.

2. Абдулмуминзода Н.А. Методология и организация бюджетирования на предприятиях сельского хозяйства Республики Таджикистан [текст] / А.Н.Абдулмуминзода // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2022. – № 3. – С. 13-20.

3. Абдулмуминзода Н.А. Баҳисобгирӣ ва калкулятсияи арзиши аслии маҳсулоти парандапарварӣ [матн] / А.Н.Абдулмуминзода, Манучеҳри Н.Р. // Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. – 2022. – № 1 (77). – С. 130-149.

4. Абдулмуминзода Н.А. Ташаккули арзиши аслии маҳсулоти кишоварзӣ [матн] / А.Н.Абдулмуминзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2021. – №6. – С. 5-12.

5. Абдулмуминзода Н.А. Масъалаҳои баҳодиҳӣ ва ташкили баҳисобгирии таркибии дороиҳои биологӣ дар соҳаи кишоварзӣ [матн] / А.Н.Абдулмуминзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2021. – №5. – С. 14-19

6. Абдулмуминзода Н.А. Анализ современного инструментария стратегического управленческого учета на сельскохозяйственных предприятиях [текст] / К.Х. Хушвахтзода, А.Н. Абдулмуминзода // Финансовая экономика. – 2020. – №8 (часть 3). – С. 350-354.

7. Абдулмуминзода Н.А. Классификация затрат в стратегическом управленческом учете на сельскохозяйственных предприятиях [текст] / К.Х. Хушвахтзода, А.Н.Абдулмуминзода // Финансовая экономика, – 2020. –№7 (часть 3). – С. 257-261.

8. Абдулмуминзода Н.А. Ташаккули баҳисобгирии идоракунии стратегӣ ва ҷорӣ дар корхонаҳои кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон [матн] / А.Н.Абдулмуминзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2020. – №3. – С. 9-16.

9. Абдулмуминзода Н.А. Дороиҳои биологӣ ҳамчун объекти баҳисобгирии корхонаҳои кишоварзӣ [матн] / А.Н. Абдулмуминзода, Н. Хасанова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2020. – №7 – С. 112-117.

10. Абдулмуминзода Н.А. Особенности учета скидок и возврата товаров в современных условиях [текст] / А.Н. Абдулмуминзода, Б.Х. Каримов // Вестник Таджикского национального Университета (научный журнал). Серия социально-экономических и общественных наук. – 2020. – №6. – С. 11-16.

11. Абдулмуминзода Н.А. Особенности бухгалтерского и налогового учета сомнительной дебиторской задолженности [текст] / А.Н. Абдулмуминзода, М.Б. Каримиён // Вестник Таджикского национального Университета (научный журнал). Серия социально-экономических и общественных наук. – 2017. – №2/8. – С. 86-90.

12. Абдулмуминзода Н.А. Управленческий контроль в системе управленческого учета [текст] / А.Н.Абдулмуминзода, Ф.Дж. Зокирова // Известия Иссык-Кульского форума бухгалтеров и аудиторов Центральной Азии.– Бишкек, 2022. – №31 (38).– С. 30-35.

13. Абдулмуминзода Н.А. Хусусиятҳои истеҳлоки воситаҳои асосӣ дар баҳисобгирии муҳосибӣ ва баҳисобгирии андоз [матн] / А.Н.Абдулмуминзода, М.Б.Каримиён / Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзӯи «Рушди соҳибкории инноватсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: мушкилот ва роҳҳои ҳалли онҳо». (1-2- декабря 2017г.). – Душанбе: ДСХ, 2017. – С. 146 – 151.

**Ба автореферати диссертатсия тақризҳо ворид шудаанд аз:**

1. **Қудратов Р.Р. (Раҳматзода Рустам)** – д.и.и., профессори кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва омори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон бо чунин эродҳо:

а) Расми 2, ки тарҳи умумии ҷараёнҳои иттилоотӣ дар амсилаи идоракунии хароҷот дар ҶДММ "Латиф-Муродов" унвон гирифтааст, дар сатҳи зарурӣ шарҳ дода нашудааст.

б) Хуб мешуд, агар сарчашмаҳои адабиёт, ки дар асоси онҳо муаллиф ҷадвалҳо ва расмҳоро таҳия кардааст, дақиқтар мебуд.

2. **Пиризода Ҷ.С.** – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, Академики АИКТ, директори Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии АИКТ бо чунин эрод:

а) Яке аз роҳҳои ҳалли масъала аз он ҷумла дар рушди баҳисобгирии идоракунӣ ва ташаккулёбии арзиши аслии маҳсулот дар соҳаи кишоварзӣ - ин омӯзиши таҷрибаи пешқадами дунё ва истифодаи дастовардҳои он дар шароити ҷумҳурии мо мебошад. Аз ин рӯ, хубтар мешуд, агар муаллиф таҷрибаи пешқадами дунёро оид ба рушди баҳисобгирии идоракунӣ ва ташаккулёбии арзиши аслии маҳсулот дар соҳаи кишоварзӣ мавриди таҳқиқ қарор дода, истифодаи дастовардҳои пешқадами онро дар шароити ҷумҳурии мо тавсия медод, боз ҳам мазмуну мундариҷаи кори илмии мазкурро бой мегардонид.

3. **Файзуллоев А.Х.** – н.и.и., дотсенти кафедраи "Баҳисобгирӣ, таҳлил ва аудит"-и Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон бо чунин эрод:

а) Аз сабаби он, ки мавзуи диссертатсияи номзадии унвонҷӯ ба яке аз масъалаҳои мубрами баҳисобгирии муҳосибӣ ва шаклгирии арзиши аслии маҳсулоти кишоварзӣ бахшида шудааст, ба андешаи мо, муаллиф бояд ба масъалаҳои коҳиши арзиши аслии маҳсулоти кишоварзӣ бештар диққат медод, ки он дар навбати худ ба афзоиши фоидаи корхонаҳо оварда мерасонад.

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, эродҳои қайдшуда хусусияти тавсиявӣ доранд.

**Интихоби муқарризони расмӣ** бо пешниҳоди комиссияи экспертии Шурои диссертатсионӣ, инчунин ба мавҷудияти салоҳият ва мавқеи устувор дар доираи таҳқиқи масъалаҳои ташкили баҳисобгири муҳосибӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ, мавҷудияти интишорот дар соҳаи мазкур ва қобилияти баҳодиҳӣ ба аҳаммияти илмию назариявии диссертатсия, ҳамчунин бо розигии шахсӣ барои пешниҳоди тақриз асоснок шудааст.

**Интихоби муассисаи пешбар** бо он асоснок карда шудааст, ки Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон дар самти илми дахлдор шинохташуда буда, қодир аст, ки арзиши илмӣ ва амалии диссертатсияро муайян намояд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

- ҷанбаҳои назариявии баҳисобгирии идоракунӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ таҳқиқ карда шуда, таърифи муаллифии баҳисобгирии идоракунӣ **коркард карда шуд.** Аз рӯйи аломатҳои гуногун хароҷот дар корхонаҳои

кишоварзӣ бо мақсади идоракунӣ ва таъминоти иттилоотии қабули қарорҳо гурӯҳбандӣ карда шуданд;

- бо мақсади самаранок ташкилкунии баҳисобгирии идоракунӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ методикаи баҳисобгирии идоракунии харочоти моддӣ ва меҳнатӣ коркард ва тавсияҳои амалӣ вобаста ба самтҳои мукаммалагардонии онҳо **пешниҳод карда шудааст**;

- **исбот шудааст**, ки айни замон ҳолати муосири ташкили баҳисобгирии идоракунӣ дар корхонаҳои кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври зарурӣ ба роҳ монда нашудааст ва баҳри мукаммалгардонии баҳисобгирӣ дар корхонаҳои зикршуда вобаста ба хусусиятҳои соҳавии онҳо тавсияҳои методӣ оид ба такмили низоми баҳисобгирии идоракунӣ аз рӯйи объектҳо ва унсурҳои он ба мисли баҳисобгирии харочот аз рӯйи марказҳои масъулият, арзишҳисобкунӣ, буҷетсозӣ, банақшагирӣ коркард карда шудааст.

- **асоснок карда шудааст**, ки дар корхонаҳои кишоварзӣ ташкили баҳисобгирии идоракунӣ ҳамчун заминаи бунёди низоми иттилоотии нафъовар баромад намуда, барои қабули қарорҳои идоракунии ба равандҳои хоҷагидорӣ таъсиррасон ва боманфиат кӯмаки амалӣ мерасонад.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқоти мазкур бо он асоснок карда мешавад, ки дар он:**

- **исбот карда шудааст**, ки дар илми иқтисодиёти ватанӣ то кунун оид ба масъалаи ташкили баҳисобгирии идоракунӣ ва ҳисобкунии арзиши аслӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ таҳқиқоти мукаммал анҷом дода нашудааст. Ҳамзамон, дар диссертатсияи мазкур, таъиноти низоми баҳисобгирии идоракунӣ **ошкор карда шуда**, тавсияҳои методӣ оид ба мукаммалгардонии идоракунии босамари субъекти иқтисодии кишоварзӣ дар асоси таъминоти иттилоотии он пешниҳод карда шуд;

- **усулҳои муосири** умумиилмӣ ва махсуси таҳқиқот аз қабили таҳлил, синтез, моделсозӣ, иқтисодӣ-риёзӣ, иқтисодӣ-оморӣ, усулҳои мушоҳида, муқоисакунӣ, асосноккунӣ, монографӣ, хулосабарории маводҳои назариявию амалӣ, инчунин соҳаҳои дониши ба таҳқиқот алоқаманд баҳри ҳалли вазифаҳои дар диссертатсия гузошташуда истифода шудаанд;

- **баён шудани равиши** инфиродии ҳисобкунии харочот ва арзишмуайянкунии маҳсулоти кишоварзӣ. Дар диссертатсия исбот карда шудааст, ки дар корхонаҳои кишоварзӣ истифодабарии усулҳои баҳисобгирии харочот ва арзишмуайянкунии дар амалияи баҳисобгирии идоракунӣ мавҷудбуда имкон дорад. Таҳқиқоти муаллифӣ нишон додааст, ки истифодабарии усулҳои фармоишӣ, меъёрӣ, “стандарт-кост” ва “директ-костинг” барои баҳисобгирии харочот ва муайянкунии арзиши аслии маҳсулоти кишоварзӣ мувофиқ аст;

- **ошкор карда шудааст**, ки барои корхонаҳои кишоварзӣ методикаи баҳисобгирии идоракунии харочот аз рӯйи марказҳои масъулият дар заминаи гурӯҳбандии онҳо аз рӯйи аломатҳои гуногун муҳим буда, он барои баҳодиҳии воқеъбинонаи фаъолияти марказҳои масъулияти ҷудогона мусоидат мекунад.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешавад:** натиҷаҳои асосии таҳқиқотии диссертатсия дар фаъолияти корхонаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз он ҷумла ҶДММ "Латиф-Муродов" (маълумотномаи №29/08 аз 06.02.2023) ва санади Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 14.02.2023, №154-1/дс коркард ва истифода шудаанд;

- **муайян карда шуд,** ки хусусиятҳои соҳавӣ ва технологии соҳаи кишоварзӣ аз дигар соҳаҳои фаъолияти субъектҳои иқтисодӣ фарққунанда буда, ташкили баҳисобгирии идоракунӣ, усулҳои баҳисобгирии хароҷот ва арзишмуайянкунӣ, баҳисобгирии хароҷоти захираҳои молию истеҳсолӣ, музди меҳнат, баҳисобгирии хароҷот оид ба истифодабарӣ ва нигоҳубини воситаҳои асосӣ равиши махсусро талаб мекунанд;
- **муаррифӣ карда шуд:** чорабиниҳо оид ба такмили методикаи буҷетикунонӣ дар низоми баҳисобгирии идоракунии хароҷот дар корхонаҳои кишоварзӣ коркард ва асоснок карда шудааст, ки он ба ташаккули буҷети марказҳои масъулият ҳамчун қисматҳои асосии корхонаи кишоварзӣ равона шуда, имконияти самаранокии назорати идоракунии фаъолияти корхона ва марказҳои масъулияти онро таъмин менамояд.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон дод, ки:**

- назария ва амалияи таҳқиқ бо истифодаи усулҳои махсус, эътимоднокии маълумотҳо, миқдори кофии маводи таҳқиқотӣ, коркарди омории натиҷаҳои корҳо ва интишорот дар конфронсҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалии илмӣ тасдиқ карда мешавад. Хулосаҳо ва тавсияҳо ба таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва таҷрибавӣ асос ёфтаанд
- ғояи таҳқиқот дар заминаи амалишавии стратегияи миллии рушд то соли 2030, барномаҳои давлатии соҳаи кишоварзӣ, маводҳои конференсияҳои гуногун, маводи таҳлилӣ ва таҳқиқотӣ, маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумот аз шуъбаҳои муҳосиботи корхонаҳои кишоварзӣ ва захираҳои иттилоотии шабакаи «Internet» асоснок шудааст;
- **аслият ва навгониҳои** натиҷаҳои таҳқиқот оид ба такмил ва мукаммалгардонии баҳисобгирии идоракунӣ дар корхонаҳои кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо далелҳои мушаххас аз фаъолияти корхонаҳои соҳаи зикршуда ва тавсияҳои методии коркардшуда тасдиқ шудаанд;
- усулҳои муосири ҷамъоварӣ ва коркарди маълумот зимни тартибдиҳии ҷадвалҳо, таҳияи равишҳои баҳисобгирии идоракунӣ, баҳисобгирии хароҷот аз рӯйи марказҳои масъулият, ҳисобкунии арзиши аслӣ, буҷетсозӣ ва коркарди тавсияҳо бахри баландбардории самаранокии идоракунии фаъолияти молиявӣ - хоҷагидории корхонаҳои кишоварзӣ истифода шудааст.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ:**

- тамоми зинаҳои таҳқиқот ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои гузошташудаи таҳқиқот, ба монанди интихоби мавзуъ, асосноккунӣ ва

мубраммии таҳқиқот, мақсади гузошташуда ва иҷрои вазифаҳои он бо иштироки бевоситаи муаллиф гузаронида шудааст;

- камбудиҳои назаррас дар раванди ташкили баҳисобгирии идоракунии хароҷот ва арзишмуайянкунӣ аз рӯйи объектҳо муайян карда шуда, усулҳои арзишмуайянкунии мувофиқ, нақшаи кории ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибӣ барои ҳисоби хароҷоти истеҳсолӣ, ҳолати захираҳои молию истеҳсолӣ, хароҷоти музди меҳнат, хароҷоти истифодабарии воситаҳои асосӣ барои ба даст овардани иттилооти комил дар асоси маълумоти баҳисобгирии идоракунӣ пешниҳод карда шудааст;
- натиҷаҳои асосии таҳқиқоти гузаронидашуда дар конфронсҳои илмию амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ аз ҷониби муаллиф маърӯза гардидаанд;
- **мақолаҳои нашршудаи** муаллиф таркиби асосии диссертатсияро фаро гирифта, аз 17 мақолаи илмӣ иборат мебошад, ки аз он 10-то дар маҷаллаҳои (нашрияҳои) илмии тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд;
- ба тасвиб расонидани 6 мақола аз натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ дар конференсияҳои илмӣ-назариявӣ, ҷумҳуриявӣ ва семинарҳои илмӣ.

Дар маҷлис аз 08 - уми июни соли 2024 шурои диссертатсионӣ барои сазовор донистани Абдулмуминзода Насимҷон Абдулмумин ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.08 - Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит қарор қабул намуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 15 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла 5 нафар мутахассис аз рӯйи диссертатсияи баррасишаванда. Аз 15 нафар узви шуро, овоз доданд: тарафдор – 15 нафар, муқобил - нест, бюллетенҳои беэътибор - нест.

**Муовини раиси**
**шурои диссертатсионӣ**
**д.и.и., дотсент** **Низомов С.Ф.**

**Котиби илмии**
**шурои диссертатсионӣ**
**номзади илмҳои иқтисодӣ** **Бобиев И.А.**